Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ, ба ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд аҳаммияти хоса додааст. Имомализода Б.Б. ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии маблағгузориҳои хурд диққати ҷиддӣ дода хусусиятҳои онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти худ, муаллиф қайд намудааст, дар шароити муосир, бозори маблағгузории хурд ба таври назаррас тавсеа ёфта, дар ибтидо танҳо бозори қарзҳои хурд ба ҳисоб меравад, ки ин барои ба назар гирифтани институтсионалии бозори маблағгузории хурд дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ бо мақсади фаҳмидани роҳҳои имконпазири рушди иқтисодӣ муҳим мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф маълум намудааст, ки дар шароити имрӯзаи низоми бонкии мамлакат низоми дузинагии бонкӣ ҷой дорад, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд дар зинаи дуюми бонкӣ шомил карда шудааст. Айни замон ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун шакли махсуси миёнаравии молиявӣ дар самти беҳтар намудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии шахсону ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо маблағгузории хурд, эътироф шудааст.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимони қтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои маблағгузории хурд бахшида шудаанд. Диссертант зимни таҳқиқотҳои худ тамоюли рушди маблағгузории хурд ва арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи методологии вобаста ба маълумотҳои расмии мавҷуда хуб таҳлил намуда, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои муфид мешниҳод

намудааст. Аз нигоҳи мо амалигардонии пешниҳодҳои тавсиянамудаи унвонҷӯ метавонанд дар ташаккулёбии маблағгузории хурд, инчунин рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат заминаи хуб гузошта бошанд.

Аммо бояд тазаккур дошт, ки дар баробари комёбиҳо дар самти таҳқиқоти такмили маблағгузориҳои хурд, дар автореферат камбудиҳое ифшо гардидаанд, ки бартарафнамоии онҳо метавонад мавзуи таҳқотиро боз ҳам беҳтар гардонад. Аз ҷумла, агар сабабҳои бо суръати баланд рушд накардани маблағгузории хурд ба пуррагӣ равона карда нашудааст.

Эроди гирифташуда ҳамчун тавсиявӣ буда ба баҳои баланди илмии кори илмии Имомализода Б.Б. таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи “Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Имомализода Баҳодур Бобомурод арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда: н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии ДБССТ** **Хидиралиев Р.З.**

**Имзои: н.и.и., дотсент Хидиралиев Р.З.-ро тасдиқ менамоям, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроға:**
**734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, х.Борбад, 48/5**
**Тел: 992 (37) 234-88-02**
**E-mail: info@iutet.tj**
**Сомона: www. iutet.tj**